# ТАҚРИЗ

**Ба фишурдаи диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология**

**Мубрамият.** Сироятҳои дохилибеморхонагӣ, ки дар оғози таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ пайдо шудаанд, имрӯз ба проблемаи мураккаб ва муҳимми тиб табдил ёфтаанд. Дар асри гузашта вобаста аз прогресси босуръати илмӣ-техникӣ ва бунёди комплексҳои бузурги тиббӣ бо фарогирии миқдори ниҳоят зиёди одамон дар масоҳати маҳдуд бо пастшавии статуси иммунӣ барои сироятҳои пайдошаванда ва ташаккул ёфтани штаммҳои беморхонагии барангезандаҳо шароити мусоид фароҳам омад. Барои пайдо шудани барангезандаҳое, ки бо якчанд дору устуворӣ нишон медоданд, ба таври васеъ ва бе назорат истифода кардани антибиотикҳо ва химиопрепаратҳо дар он замон мусоидат мекарданд. Бо техникаҳои мураккаби тиббӣ таҷҳизотонидани статсионарҳои травматологӣ усулҳои нави дезинфексия ва стерилизатсияи дастгоҳҳоро ба миён овард. Ба таври умумӣ густариш ёфтани миқёси протседураҳои инвазивии ташхисиву табобатӣ барои ба вуҷуд омадани механизми сунъии артифитсиалии интиқол муосидат намуд ва проблемаи ҷиддии бехатарии ҷарроҳиҳои тиббиро ба бор овард.

Густариш ёфтани доираи имкониятҳои тиб, бо мурокибат сиҳат кардани беморони ба марг маҳкумшуда (беморони вазнин бо бемориҳои ҳамроҳшуда) ба афзудани миқёси хатарҳо оварда расонид, ки дар онҳо барангезандаҳои шартӣ-патогенӣ қобилияти ба вуҷуд овардани бемориҳои вазнини СДБ-ро доранд.

Миқёси паҳншавии СДБ ва аҳамияти махсуси он дар статсионарҳои соҳаи травматологӣ муқаррар карда шуд. Дар солҳои охир таҳқиқотҳои нақшавии санитарӣ-бактериологӣ хеле кам шудаанд. Миқёси таҳқиқотҳои муҳити атроф танҳо аз рӯйи нишондодҳои эпидемиологӣ васеъ шуда истодааст. Дар статсионарҳои соҳаи ҷарроҳӣ таҳқиқотҳои накшавии санитарӣ-бактериологӣ низ якбора кам шудаанд, аммо мониторинги

эпидемиологииии ашёҳои муҳимми муҳити атроф истисно карда намешаванд.

Дар маркази диққато на бъектҳои муҳити атроф, балки бемор қарор мегирад. Таҳқиқотҳои гаронарзиши бактериологии объектҳои муҳити атроф аз нуқтаи назари эпидемиологӣ худро нишон дода натавонистанд. Дар баробари ин, доираи таҳқиқотҳо ҷиҳати ошкор намудани омилҳо ва гурӯҳҳои хатар васеъ мешаванд.

Актуалӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Х.С. бешубҳа аст ва зарурати ҷиддии омӯзиши проблемаи СДБ-ро дар статсионарҳои травматологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Гуфтаҳои боло мубрамии таҳқиқоти илмии Ҳ.С. Давлатовро муайян мекунанд, ки мақсади он аз ошкор намудани хусусиятҳои эпидемиологии пайдошавии сироятҳои дохилибеморхонавӣ дар беморони травматологӣ бо таҳияи тавсияҳо оид ба такмили чораҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои мазкур иборат аст. Дар робита аз ин, мавзӯи интихобкардаи муаллиф комилан актуалӣ буда, ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам назариявӣ дорад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас ва илман асосноканд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки нахустин бор дар Тоҷикистон сохтори муосири барангезандаҳое муайян гардидааст, ки ба пайдошавии сироятҳои дохилибеморхонавӣ (СДБ) дар миёни беморони осебдида дар беморхонаҳои травматологӣ ва робитаи он бо сиркулятсияи микроорганизмҳо дар муҳити беморхона бо ошкорсозии сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии онҳо вобаста мебошад. Микрофлораи грам-манфӣ дар сохтори этиологии сироятҳои нозокомиалӣ дар беморони травматологӣ мавқеи пешрафтаро ишғол мекунад.

Дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдодашуда диссертант басомади беморшавӣ, сохтор ва хусусиятҳо эпидемиологии шаклҳои гуногуни СДБ-ро дар статсионарҳои травматологӣ –ортопедӣ муайян кардааст.

Диссертант хусусиятҳои эпидемиологии СФИ –ро вобаста аз сиркулятсияи микроорганизмҳо дар статсионарҳои травматологӣ муайян кардааст. Омилҳои хатараи пайдошавии СДБ дар муассисаҳои травматологӣ вобаста аз норасоиҳои гузаронидани чорабиниҳои муносиби пешгирикунанда ошкор карда шудаанд.

Дар пажӯҳиш бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои зарари молиявӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дар натиҷаи як ҳолати уфунати бемористонӣ

дар статсионарҳои травматологӣ пешниҳод мешавад, ки маблағи 500 доллари амрикоиро ташкил мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Дар натиҷаи гузаронидни таҳқиқоти эпидемиологӣ диссерантант муқаррар намудаст, ки сиркулятсияи густурдаи микроорганизмҳои шартӣ-патогенӣ дар муассисаҳои травматологӣ аз вайронкуниҳои кушоду равшани реҷаи зиддиэпидемиологӣ ва камбудиҳо дар ташкил ва баргузории тадбирҳои бесироятгардонӣ ва зиддиуфунисозӣ шаҳодат медиҳад.

Сатҳи беморшавӣ, сохтор ва хусусиятҳои эпидемиологии уфунатҳои бемористонӣ дар беморхонаҳои осебӣ ифшо карда мешаванд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия ошкор карда шудааст, ки омилҳои хатари пайдошавии СДБ дар беморхонаҳои осебшиносӣ: вазниншавии бемории асосӣ, таъҷилӣ ва давомнок будани баргузории ҷарроҳиҳо, мухлатҳои бистарӣ будани беморон қабл ва баъд аз ҷарроҳӣ дар беморхона, басомади зиёди СДБ даркӯдакони бемори то 2-сола ва аз 60-сола боло ба ҳисоб мераванд.

Зиёни молиявие, ки СДБ мерасонад, барои буҷети ММП ва хешовандони беморон бори гарон мебошад.

Системаи тадбирҳои равонашуда ба баргузории комплекси чорабиниҳои беҳдоштию зиддиэпидемиологӣ, беҳсозии сифати расонидани ёрии тиббӣ дар беморхонаҳои осебшиносӣ ва коҳиш додани зиёни иқтисодӣ аз СДБ муносиб гардонида шудааст.

Хулосаҳо пурра асоснок карда шудаанд ва мантиқан аз натиҷаҳои ҳосилшуда бармеоянд. Онҳо барои нигоҳдории тандурустии амалӣ аснои таҳия намудани комплекси чорабиниҳои профилактикаи оризаҳои дохилибеморхонагии фасодӣ-илтиҳобӣ дар статсионарҳои травматологӣ хеле муҳим мебошанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия барои ба даст овардани маълумотҳои саҳеҳ ва эътимоднок кофӣ мебошанд.

Мақолаҳои илмии нашршуда оид ба мавзӯи диссертатсия нуқтаҳои асосии рисоларо инъикос мекунанд. Фишурдаи рисола ва корҳои илмии нашршуда нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти иҷрошударо пурра инъикос мекунанд, оид ба маводи дар фишурда нашршуда эрод надорем.

Гуфтаҳои дар боло зикршуда асос мешаванд, ки диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии

сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-квалификатсионии анҷомёфта ҳисобем, ки дар асоси таҳқиқоти аз тарафи диссертант анҷомдодашуда проблемаи такмили чорабиниҳои профилактиии СДБ дар статсионарҳои травматологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шудааст.

Диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич ба талаботи фасли 10, банди 163-и «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» КОА назди Президенти ҶТ аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти№ 505 қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон постановления, ки аз диссертатсияҳои барои дарёфти унвони илмии номзадиилмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология талаб карда мешавад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазоваори сарфароз шудан ба унвони ин унвони илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич ба талаботи фасли 10, банди 163-и «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» КОА назди Президенти ҶТ аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти№ 505 қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон, ки аз диссертатсияҳои барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология талаб карда мешавад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори сарфароз шудан ба унвони илмӣ мебошад.

**Профессори кафедраи**
**травматология, ортопедия**
**ва ҷаррохии низоми-саҳрои**
**МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»,**
**доктори илмҳои тиб** **Қурбонов С.Х.**

имзои/подпись Курбонов С.Х.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
/НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 10 » 12 20 20 г

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ